«Тасдиқ шудааст»
бо фармоиши ректори
МТҒ «Донишкадаи тиббӣ
-иҷтимоии Тоҷикистон»
аз «15» 09 соли 2020 №14

# НИЗОМНОМА
# ДАР БОРАИ КОТИБИ ИЛМИИ ШӮРОИ ОЛИМОНИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ – ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

1. Котиби илмии Шӯрои олимони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон» коргузории Шӯрои олимони донишкадаро иҷро менамояд. Котиби илмии Шӯрои олимони донишкадаро ректор аз ҷумлаи аъзоёни Шӯрои олимон, ки дорои унвони илмианд, таъин мекунад. Котиби илмӣ чун қоида корманди расмии донишкада мебошад.
2. Котиби илмӣ ҷаласаи Шӯрои олимонро тезнависӣ (стенография) карда, баъд ба шакли суратҷаласа танзим намуда, онро на дертар аз 5 рӯз баъд аз гузаронидани ҷаласаи Шӯрои олимон аз тарафи раис ва худи ӯ ба имзо мерасад.
3. Суратҷаласаи Шӯрои олимон пас аз ба имзо расиданаш аз тарафи котиби илмӣ дар муддати на дертар аз 7 рӯз ба маълумоти иҷрокунандагон расонида мешавад.
4. Котиби илмии Шӯрои олимон барои таълифу таҳияи ҳисобот ба роҳбарони бахшҳои ҳайати донишкада оид ба таълим, таълимӣ-методӣ, илми - таҳқиқотӣ, муоличавӣ, молиявию хоҷагидорӣ, корҳои тарбиявӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар факултетҳо, оид ба фаъолияти ҷамъиятҳои илмию оммавии дар назди донишкада буда кӯмак мерасонад.
5. Котиби илмии Шӯрои олимон ҳамзамон котиби комиссияи озмун оид ба интихоб ба ҷойҳои холии вазифаҳо ва унвони илмӣ мебошад.
6. Котиби илмии Шӯрои олимон ба таълифу таҳияи ҳисоботи роҳбарияти донишкада, мудирони кафедраҳо ва курсҳо оид ба ҷамъбасти фаъолияти онҳо бо гузаштани мӯҳлати ваколаташон кӯмак мекунад ва ба Шӯрои олимон дар хусуси салоҳ будани интихоби онҳо ба мӯҳлати такрорӣ иттилоъ пешкаш менамояд.
7. Котиби илмии Шӯрои олимон ҳуҷҷатҳои ҷӯяндагони унвонҳои профессорӣ ва дотсентиро дида баромада, тибқи қоидаҳои муқаррарӣ барои баррасӣ ба ҷаласаи Шӯрои олимон пешниҳод менамояд.

8. Котиби илмии Шӯрои олимон дар танзими асноди кормандони илмӣ-педагогӣ, таҳсилгирандагони дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аспирантҳо, докторантҳо ва унвонҷӯёни донишкада барои тасдиқи мавзӯъҳои илмӣ, додани унвонҳои илмӣ ва омода намудани онҳо барои пешниҳоди тасдиқ дар Шӯроҳои ихтисосии дифои рисолаҳои илмӣ, кӯмак мерасонад.
9. Котиби илмии Шӯрои олимони донишкада санадҳои кордонҳои илмӣ-омӯзгории донишкадаро барои пешниҳод ба ҷоизаҳои ҳукуматӣ ва мукофотҳои давлатию байналмилалӣ месанҷад.
10. Котиби илмӣ қарорҳои қабулкардаи Шӯрои олимони донишкадаро ҳамвора аз тафтиш гузаронида, аз рафти иҷрои онҳо ба раиси Шӯрои олимон маълумот медиҳад.
11. Котиби илмии Шӯрои олимон барои тасдиқи ҳуҷҷатҳо штампи махсус дорад.
12. Котиби илмии Шӯрои олимони донишкада метавонад дигар масъалаҳои ба фаъолияти Шӯрои олимони донишкада вобастабударо низ баррасӣ намояд.

Низомнома дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада «29» 08 соли 2020 (суратҷаласаи № 2/14) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.